«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, дотсент ____________ Муродзода А.А.
«_24_» ___06___ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991 – 2024)» (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)).

Мавзуи таҳқиқотии Шарипова Таманно Ҷамшедовна яке аз марҳилаҳои муҳим ва ҳассоси муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991–2024)-ро дар бар гирифта, чунин таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ саривақтӣ мебошад.

Дар шароити истиқлолият, аҳамияти таҳқиқоти илмии равандҳои муҳоҷират дар охири асри ХХ ва аввали асри ХХ1 дар он аст, ки дар таърихшиносии Тоҷикистон солҳои охирахири ба масъалаҳои намудҳои гуногуни муҳоҷират, миқёси онҳо, натиҷаҳо ва оқибатҳои сиёсати муҳоҷират дар Тоҷикистони соҳибихтиёр дар шароити нави таърихӣ бештар тамаркуз мекунад.

Дар остонаи асри ХХ ва аввали асри ХХ1 тағйироти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии мардуми тоҷик ба амал омаданд. Пош хӯрдани ИҶШС ва ба даст овардани соҳибихтиёрии воқеӣ аз ҷониби Тоҷикистон, дар баробари таҳаввулоти мусбат дар таърихи сиёсӣ, як қатор оқибатҳои манфиро барои ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ ба вуҷуд овард. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ва ислоҳоти иқтисодии идомаёбанда, садҳо ҳазор нафар одамони қобили меҳнат, ки дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ кор мекарданд, бекор монданд. Ин, дар навбати худ, боиси муҳоҷирати оммавии даҳҳо ҳазор ҷавонони қобили меҳнат ва дар ниҳоят, боиси муҳоҷирати меҳнатӣ гардид.

Мубрамии омӯзиши ин масъала ва мушаххас намудани тамоми паҳлуҳои он ва замина барои коҳиш додани равандҳои муҳоҷирати кории бонувон, бунёди ҷойҳои кориро мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №2, аз санаи 7.05.2026 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1.– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Шарипова Таманно Ҷамшедовна таъин намуд. Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, протоколи №6, аз 23 июни соли 2026 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1.- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Ҷалби занон ба кор дар истеҳсолот дар таърихи гендерии меҳнат ҳамеша муҳим буд ва боқӣ мемонад. Аммо ин муҳиммият танҳо аз мавқеи сиёсӣ дар Тоҷикистон баррасӣ мегашт ва ҳанӯз ҳам аз ин бахш баррасӣ мегардад.

Мубрамии мавзуи муҳоҷирати меҳнатӣ хосси як миллат ва як ҳавзаи ҷуғрофӣ набуда, зуҳуроти нав нест ва ҳамеша дар ҷомеаи инсонӣ вуҷуд доштааст ва Осиёи Марказӣ низ аз он дар канор набудааст. Имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷадид ин зуҳурот вижагиҳои нав касб кардааст, чун технологияи иттилоотӣ фосилаҳоро кутоҳ ва дарёфти маълумоту ахборро, ки заминаи асли муҳоҷират мебошанд, осон гардонидааст ва ба хотири бартараф намудани мушкилоти иқтисодӣ аз он истифода мекунанд.

Хулоса, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иштироки фаъоли занон дар ин ҷараёни таърихи дар таърихнигории Тоҷикистни соҳибистиқлол аз ҷониби уновонҷӯ бори аввал ба таҳқиқ шудааст ва ин аҳамияти илмӣ ва муҳиммияти мавзуъро ташкил медиҳад. Дар хулосаҳои боб ва зербобҳо, дар ҷараёни омӯзиши ин мавзуъ масоили дигари марбут ба он таҳқиқ гардида, андешаҳои ҷолиб ва хулосаҳои илмӣ-назариявӣ пешниҳод шудаанд.

Дар охири асри ХХ ва чорӣяки асри ХХ1 иштироки занон дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳимми давлату ҷомеа ба шумор меравад. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи ҳуқуқу ухдадориҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва хусусан занон дар мамлакатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби занон тамоми чораҳоро андешида истодааст.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991 – 2024)» (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ) як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин такриз, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Шарипова Таманно Ҷамшедовна, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқот ва маводи бойгонӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои муътабар, дар заминаи методологияи таҳқиқоти таърихӣ, мақсади таҳқиқот бо фарогирии бозбинии таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон, бо вазифагузории иҷрои кори илмӣ, муайян намудани объекти муҳимми таҳқиқот, мушаххассозии мавзуи баррасишаванда, ҷамъбастнамоии кори илмӣ дар марҳилаҳои гуногун ва давраи таҳқиқот, асоснокии илмии мавзуъ ва робитаи он бо назарияҳои мавҷударо, мавриди баррасии амиқ қарор додааст.

Муаллиф дар муаррифии масъала аз доираи васеи адабиёти илмӣ истифода бурда, муҳиммияти онро ба таври возеҳ нишон додааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва иқтибосҳо аз манбаъҳои мӯътабар тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз

натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст вазъи масъалаи амалӣ ва назариявии муҳоҷирати меҳнатии занонро нишон диҳад. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои ба дастомадаи он метавонад ба раванди танзими муҳоҷирати берунии меҳнат, навиштани корҳои дипломӣ дар мактабҳои олӣ, таҳлили китобҳои дарсӣ ёрӣ диҳад ва мавриди истифода қарор гирад.

Хулоса, диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна як кори илмии ҷиддӣ ва саривақтӣ буда, дар он гузоришҳои илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда аҳаммияти баланди имлӣ дорад. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷӯҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Мавзуи пешниҳодшавандаи корӣ дисертатсионӣ аз рӯйи ном ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар таърихнигории тоҷик мутлақо нав ва дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқнаёфта мебошад. Матни пешниҳодшаванда норасоиҳои мавҷударо дар омӯзиши масъалаи занон дар солҳои 1990-1924 пурра месозад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи мавзуи мазкур навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овард, ки дар ташаккули илми таърихи ватанӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар асоси омӯзиши васеи сарчашмаҳои таърихӣ, маводи бойгонӣ, санадҳои расмӣ, омори таърихӣ ва адабиёти илмӣ масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занонро мавриди таҳлил қарор диҳад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар рисолаи мазкур методҳои гуногун, методологияи материализми диалектикии таҳқиқот бо истифода ва риояи принсипҳои таърихӣ, истифода шудааст.

Барои ба татиби муайян ба роҳ мондани таҳқиқот методи диалектикӣ истифода шудааст. Дар он афзоиши зиёди занони муҳоҷир ба мамлакатҳои гуногун, ҳаёти маишии онҳо, шароити кору зиндагии онҳо дар хориҷа, риояи ҳуқуқи занони муҳоҷир дар хориҷа ва дигар масъалаҳо мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтанд. Дар рисола санади меъёрии ҳуқуқи муҳоҷирон, дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳимояи занони муҳоҷир аз тарафи Ҳукумати мамлакат, намуди имтиёзҳои занони муҳоҷир низ таҳлил гардиданд.

Дар таҳқиқоти мазкур мазмун ва моҳияти ҳодисаҳо, аз он ҷумла, таъмин намудани занони муҳоҷир бо ҷойи кор, бо ҷойи зист, шароити муайяни зиндагӣ ва ғайраҳо давра ба давра бо тартиби хоси даврабандӣ ва риояи методи илми таърих пурра таҳлил гардидааст. Мундариҷаи рисола, маҷмуан муҳоҷироти меҳнатии занони тоҷикро дар мисоли Тоҷикистн нишон медиҳад. Дар рисола, ҳамчунин, методҳои таҳлили сохторӣ ва синтез ҳамчун методи хулосабарорӣ барои тартиб ва муқоиса кардани далелу рақамҳо истифода гардидааст.

Умуман дар раванди таҳқиқот унвонҷӯ барои ноил шудан ба мақсад ва ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда методҳои умумитаърихӣ, , муқоиса, мантиқ, таҳлили оморӣ, омӯзиши бойгонӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳои кори илмиро истифода намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ Шарипова Таманно Ҷамшедовна, дар анҷом додани диссертатсия дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991 – 2024)» (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ) хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллиф як қатор вазифаҳои асосиро мустақилона иҷро намудааст, ки ба сифат ва арзиши илмии рисола таъсири мусбат расонидаанд. Аз ҷумла, муайян кардани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби мавзуъ ва пешниҳоди масъалаҳои муҳимми таҳқиқот нишон медиҳанд, ки унвонҷӯ дар марҳилаҳои аввали таҳқиқот ташаббускор ва мустақил буда, самти кори илмии худро муайян кардааст. Таҳлил ва пешниҳоди маълумоти бадастомада низ аз ҷумлаи саҳми муҳими муаллиф мебошад, ки қобилияти таҳлилӣ ва мустақилияти фикрии ӯро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 интишороти муаллиф инъикос шудаанд. Аз он 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва 2 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ инъикос шудаанд.

Мазмун ва мундариҷаи онҳо мавзуи таҳқиқотӣ дахл доранд, ки мухтавои асосии диссертатсия ва автореферат ро инъикос мекунанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар ҳаҷми 197 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад, вазифаҳо, навовариҳои илмӣ, асосҳои методологӣ, заминаи сарчашмавии кор, доираи хронологӣ ва ҷуғрофӣ, предмет ва объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Муҳоҷирати меҳнатии занони бурунмарзӣ дар маъхазҳои илмӣ (1991–2010)» уновон гардида ба** ду зербоб тақсим шудааст. Дар боби мазкур масъалаи таърихнигории мавзӯ зерни таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар зербобҳо масъалаҳои таърихӣ, назариявӣ, методологӣ, даврабандӣ ва умуман омӯзиши мушкилоти меҳнатии хориҷии занони тоҷик ва хусусиятҳои онҳо мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия баён гардидааст, ки муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон неруи корӣ ва ҳаракати аҳолӣ дар натиҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, тахассуси кишварҳо ва манотиқ, ҳамчунин рушди саноатикунонӣ, ҷараёнҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ таърихи тулонӣ доранд. Дар иртибот ба ин қазия, ҳаракат ва муҳоҷирати меҳнатӣ омили муҳим дар рушду тараққии неруҳои истеҳсолӣ, интиқоли сармоя байни давлатҳо ва минтақаҳо гардид. Дар боби мазкур масъалаҳои таъсис ва пайдоиши самтҳои илмии гуногун дар омӯзиши муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занони Тоҷикистон, ки аз ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мушкилот, ҳамчунин хусусиятҳои омӯзиши мушкилоти муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон иборат аст, таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

Боби дуюми диссертатсия **«Хусусият ва тамоюли омории муҳоҷирати кории хориҷии занони Тоҷикистон дар хориҷа (2011-2023)»** ном додшта аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар ин боб оид ба масъалаҳои иқтисодию сиёсии муҳоҷирати меҳнатии берунаи занони тоҷик ва пасомадҳои манфию мусбии ин ҷараён дар доираи солҳои омӯзиш, таҳқиқоти илмӣ бурда мешавад.

Диссертант қайд мекунад, ки қисми зиёди занони муҳоҷир бо соҳибкорон аз тариқи миёнарав бе бастани шартномаи меҳнатӣ,

надонистани ному насаби кордиҳандаи аслӣ, суроғаи ҳуқуқии корхона фаъолият менамуданд. Аз сабаби надоштани маълумоти дақиқ дар бораи муҳлати кор, ҳаҷми маош ва муҳлати пардохти он ба асорати корфармоён гирифтор мешуданд. Ҷаҳонишавии иқтисод, аз як сӯ ва адами инкишофи мусовии мамолик аз сӯйи дигар боиси он гардид, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҷаҳони муосир аҳаммияти бесобиқаи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ касб кунад.

Боиси тазаккур аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии занон чораҳои чашмрас сурат гирифта истодааст, ки намунаи он қабули «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» ба шумор меравад.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Нақши таърихии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коҳиш додани муҳоҷирати меҳнатии занон»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар ин боб масъалаҳои ба тартибдарории давлатӣ оид ба кам намудани шумораи занони муҳоҷир, пешгирӣ намудани муҳоҷирати занони кишвар ба хориҷа ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои занони тоҷик, мавриди таҳқиқот қарор мегирад хело хуб оварда шудааст.

Масъалаи таъмини занон ба ҷойи корӣ дар меҳвари сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, дар ин самт фармони Президенти кишвар «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», ҳамчунин қарори ҳукумат аз соли 2010 «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020» барои баланд бардоштани мақому манзалати зан дар бунёди ҷомеаи демократӣ нақши муҳим мебозанд.

Илова ба ин, самти мазкур ҳамасола дар Паёми Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос мегардад, чунончӣ, дар ин раванд ба масъалаи аз байни ҷавонон ва занону духтарони лаёқатманду соҳибмаърифат интихоб кардан ва ба вазифаҳои роҳбарикунандаву масъул пешбарӣ намудани онҳо эътибори ҷиддӣ бояд дода шавад.

Вобаста ба ин, Сарвари давлат дар Паёми хеш ба Ҳукумати мамлакат, тамоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастур доданд, ки фаъолияти худро дар самти татбиқи ҳадафҳои муқарраршуда, аз ҷумла доир ба ҳалли масоили вобаста ба муҳоҷирати муҳнатӣ тақвият бахшида, ба масъалаҳои таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ диққати доимӣ диҳанд.

Дар робита ба ин, ҳукумати мамлакат ва мақомоти дахлдори он вазифадор карда мешаванд, ки масъалаи зарурати ташкили сохтори алоҳидаро доир ба танзими масоили вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамаҷониба омӯхта, хулосаҳои худро пешниҳод намоянд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар боби мазкур унвонҷу оид ба нақши таърихии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хосатан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва қабули барномаву стратегия, ки дар бунёди ҷомеаи демократӣ нақши муҳим мебозанд, хело хуб оварда шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1.– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони далатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Шарипова Таманно Ҷамшедовна ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6.1.1.– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат мекунад.

**Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бобҳои диссертатсия, хосса бобҳои якум ва дуюм мувозинат риоя нашудааст, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия боис гаштааст.
2. Дар диссертатсия муҳаққиқ аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони соха камтар истинод овардааст.
3. Дар ҳоле ки дар замони соҳибистиқлолии кишвар занон як қисми муҳими қувваи корӣ ва тавлидиро ташкил медоданд, саҳми онҳо дар диссертатсия ба таври кофӣ ва ҷудогона инъикос ёфтааст, аммо гузаронидани таҳлил аз дидгоҳи гендерӣ як навъ такмил ба кор мешуд.

4. Дар хулосаи боби сеюм, агарчӣ ҷамъбасти хуб сурат гирифтааст, аммо он метавонист бо таҳлили амиқтар таъсири саҳми занонро мукаммалтар нишон медод.

5. Дар кори диссертатсионӣ ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳоро ҳангоми нашри монография ҳатмӣ медонем.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳаммияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърихи ватанӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1.– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Хулоса, диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991 – 2024) (ҷанбаи таҳлилӣ - таърихӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. – Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1.– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби Абдурашитов Фозил Маматович доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ таҳия гардидааст.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, протоколи № 6, аз 23 июни соли 2026 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: _8___ - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - _8_ нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**

доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи
таърихи навтарини, Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Абдурашитов Ф.М.

**Эксперт:**
доктори илмҳои таърих, профессор, сарходими илмии
шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Абулҳаев Р.А.

**Котиби илмии ҷаласа:** Раҷабова У.

**Имзоҳои** Абдурашитов Ф.М. ва Абулҳаев Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ Файзуллоева Г.Қ.

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 33, тел.: (+ 992 (37) 221-37-42,
e-mail: institutitarih@mail.com

«25» 06 соли 2026